«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________

«__21__» ____04____ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Мирзозода Шаҳриёр Мунавар унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Мирзозода Шаҳриёр Мунавар соли 2005 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ), касби ҳуқуқшиноси байналхалқӣ дохил шуда, онро соли 2010 аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ), касби ҳуқуқшиноси байналхалқӣ хатм намудааст.

Аз соли таҳсили 2011 то соли 2018 ба ҳайси мутахассис-коргузор, мутахассис, мутахассиси пешбар ва сармутахассис дар Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз соли 2018 то соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз моҳи июли соли 2023 то инҷониб ба ҳайси мудири бахши умумии Хадамоти

назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 11.07.2020 с. №192-ст ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Донишгоҳи милли Тоҷикистон қабул шуда, онро 08.06.2024 с. №253-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-уми январи соли 2021, суратмаҷлиси №7 (20-21), тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** Диноршоҳ Азиз Мусо, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2023, №154 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 17 апрели соли 2025 № 8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса қабул **карда шуд:**

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ;

ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносӣ омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки танзим ва татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ҳамроҳӣ мекунанд, рушд ва мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳимми танзими қонунгузории ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан карда, онро аз нав дида мебароянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни илмии категорияи «ҳуқуқ ба меҳнат» мусоидат намуда, заминаи мавҷудбударо барои рушди қонунгузорӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба меҳнат дар Точикистон мусоидат хоҳанд кард.

Таҳқиқоти мазкур метавонад, инчунин, ҳамчун маводи таълимӣ зимни таҳияи фанҳои таълимии ҳуқуқи конститутсионӣ ва баргузор намудани машғулиятҳои таълимӣ дар мавзуи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода шавад.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар самти таъмини ҳуқуқҳои конситутсионии шахс ба меҳнат аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки ба таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ба меҳнат бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба ду намуд: бавосита ва мустақим, ҷудо мешавад. Намуди якум маънои дар конститутсия мавҷуд набудани танзими мустақили ин ҳуқуқро ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил дорад. Ин ҳуқуқ ба мазмуни ҳуқуқҳои дигар (масалан, ҳуқуқ ба пешбурди фаъолияти иқтисодӣ) дохил мешавад.

Намуди дуюм маънои онро дорад, ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат ва унсурҳои асосии он бевосита дар конститутсияи давлат мустаҳкам шудааст. Ҳамзамон, ин танзимнамоӣ метавонад чаҳор равиш дошта бошад – танзими мусбат (ҳуқуқ ба меҳнат), танзими манфӣ (озодии меҳнат), ҳамчун дастури арзишӣ (ҳамчун принсипи асосҳои сохтори конститутсионӣ) ва ҳамчун уҳдадории конститутсионӣ.

2. Мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ метавон ба таври зайл баён намуд: ин ҳуқуқест, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро баҳри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатҳои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши болозикр тавсиф намуда, бояд қайд кард, ки асоси онро ифодаи ихтиёрии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, вобаста ба хусусияти амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнат ду гурӯҳи ваколатҳо вуҷуд доранд - а) ҳуқуқ-ваколатҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла, ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилиятҳои худ дар меҳнат, интихоби намуди фаъолият ва касб, ҳуқуқ оид ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ, ба монанди ҳуқуқ ба корпартоӣ; б) ҳуқуқ-даъвоҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ ба музди меҳнати баробар барои кори якхела, ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат.

3. Танзими конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат ба ду намуд: мустақиман ва бавосита, ҷудо карда мешавад. Ин ҳуқуқ бевосита дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақалли музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди

баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Танзими бавоситаи ҳуқуқ ба меҳнат бошад дар моддаҳои 12, 28, 37 ва 39-и Конститутсия мушоҳида мешавад.

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 2 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзӯ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 5.6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Сангинов Д.Ш., Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Ш. Сангинов, Д.Қ. Назаров // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 131-142. ISSN 2664-0651.

**[2-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2 (54). – С. 210-215. ISSN 2664-0651.

**[3-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷойи коркунанда [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 140-144. ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Хусусияти ҳуқуқии уҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3 (23). – С. 264-175. ISSN 2414 – 9217

**[5-М].** Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунҳо ва дигар санадҳои *зерқонунии соҳавӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода* // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 307-311. ISSN 2664-0651.

**[6-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Идоракунии давлатӣ. – 2023. №4-1 (62). – С. 143-153. ISSN 2664-0651.

**[7-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсия [Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023, №6. – С. 252-258. ISSN 2413 – 5151

**[8-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Эволютсияи таъмини конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ.– Душанбе, 2023., №2 (46) – С. 128-133.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[9-М].** Мирзозода, Ш.М. Конституционное регулирование права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 140-143.

**[10-М].** Мирзозода, Ш.М. Эволюция конституционного закрепления права на труд в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция-как фактор стабильности государства»– Душанбе, 2022. – С. 256-263.

**[11-М].** Мирзозода, Ш.М. Регламентация права на труд в международных документах [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – №2 (24). – С. 98-107.

**[12-М].** Салохидинова С.М., Мирзозода, Ш.М. Соотношение права на труд и свободы предпринимательской деятельности [Текст] / Ш.М. Мирзозода, С.М. Салохидинова // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между РТ и РФ – Душанбе, 2022. – С. 626-629.

**[13-М].** Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Некоторые вопросы ограничения права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» посвященной 115-летию академика Б. Гафурова. – Душанбе, 2023. – С. 122-130.

**[14-М].** Мирзозода, Ш.М. Худмуҳофизат ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Маводи конференсияи байналмилаии илмӣ-амалии «Тоҷикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115 - солагии академик Б. Ғафуров – Душанбе, 2023. – С. 135-139.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ;

ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул гардид:

Иштирок доштанд: 18 нафар, аз ҷумла, 4 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 12 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар ассистент. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №8 аз 17-уми апрели соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ
ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М.С. Сулаймонзода

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти калони кафедра М.А. Неъматова

**Имзои М.С. Сулаймонзода ва М.А. Неъматоваро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Тавқиев
«18» 04 соли 2025

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj